## 5.8. [13.00.00] ПЕДАГОГИКА
## 5.8. [13.00.00] ПЕДАГОГИКА
## 5.8. [13.00.00] PEDAGOGY

5.8.1.[13.00.01] ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ
5.8.1.[13.00.01] ОБЩАЯ ПЕДАГОГИКА, ИСТОРИЯ ПЕДАГОГИКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
5.8.1.[13.00.01] GENERAL PEDAGOGICS,THE HISTORY OF PEDAGOGY AND EDUCATION

***ТДУ 004***

### *ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ МУОСИР*

***Юсуфҷонова Дилбар Холиқҷоновна,*** *номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

### *ФОРМИРОВАНИЕ ТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ПОСРЕДСТВОМ СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ*

***Юсуфджонова Дилбар Холикджоновна****, к.п.н., доцент факултета педагогики и его преподавания ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

### *FORMATION OF CREATIVE ACTIVITIES OF PRIMARY SCHOOL TEACHER IN THE PROCESS OF TEACHING BY MEANS OF MODERN METHODS*

***Yusufjonova Dilbar Kholikjonovna,*** *Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Faculty of Primary Education and Special Pedagogy, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov"*

***Калидвожаҳо***: *худогоҳӣ, худбаҳодиҳӣ, фаъолияти касбӣ, навовар, рушди эҷодкорӣ, фаъолияти эҷодӣ, қобилиятҳои эҷодӣ.*

*Мақолаи илмии мазкур ба яке аз муаммоҳои ташаккули фаъолияти омӯзгорони оянда ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълим бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳалли мушкилоти ташаккули тафаккури эҷодӣ, қобилияти эҷодкории омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, зарурати ташаккулу инкишоф додани тафаккур ва эҷодкорӣ дар фаъолияти педагогиро тадқиқ намуда, роҳҳои муосири онро нишон дода бошад.*

***Ключевые слова:*** *самосознание, самооценка, профессиональная деятельность, новатор, творческое развитие, творческая активность, творческие способности.*

*Данная научная статья посвящена одной из проблем формирования деятельности будущих учителей и путям повышения эффективности образования. Автор попытался решить проблему творческого мышления, творческих способностей учителей начальных классов, необходимости формирования и развития мышления и творческих способностей в педагогической деятельности, показать современные пути.*

***Keywords***: *self-awareness, self-esteem, professional activity, innovator, creative development, creative activity, creative abilities.*

*This scientific article is devoted to one of the problems of shaping the activities of future teachers and ways to increase the effectiveness of education. The author tried to solve the problem of creative thinking, the creative abilities of primary school teachers, the need for the formation and development of thinking and creative abilities in teaching, and to show modern ways.*

Дар замони муосир масъалаи омода намудани омӯзгорони баландихтисоси эҷодкори синфҳои ибтидоӣ, ки ба ташаккули ҳамаҷонибаи кӯдак ҳамчун шахсияти ҳаматарафа рушдёфта, қобилиятнок, соҳибистеъдоду эҷодкор ва бомаданият мусоидат мекунад, аҳамияти калон дорад. Самаранокии ҳалли ин масъалаҳо бештар аз маҳорати касбии омӯзгор дар ташкили ҷараёни таълими синфҳои ибтидоӣ вобаста буда, шавқу рағбати кӯдакро ба омӯзиш, кашфи маводи нав пурзӯр намуда, мавқеъ,эътимоднокии онро таъмин менамояд ва дар баробари ин, ба ташаккул ва тарбияи шахси бомаърифат, дорои тафаккури воқеъбинона, эҷодкорона дошта, замина мегузорад [6].

Танҳо шахси соҳибистеъдоду навовар метавонад, як шахси эҷодкорро тарбия намояд, ки ин аз назария ва тадқиқотҳои педагогон ба таври боварибахш исбот гардидааст.

Умуман, омӯзгори синфҳои ибтидоиро зарур аст, ки барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим аз дастовардҳои муосири илм истифода барад, омодагии касбӣ дошта бошад, роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва ба фаъолиятҳои хеш арзёбӣ намуданро омӯзад, онро дар амал тадбиқ намуда тавонад.

Талаботҳо нисбат ба тамоюли ислоҳоти муосири маориф ба ташаккули мутахассиси касбӣ нисбат ба тайёр кардани омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, махсусан, дар самти эҷодиёти касбию педагогӣ зиёд аст. Ба рушди эҷодии омӯзгори босалоҳият ё худ қобилиятноку эҷодкор,фаъолияти ҳамаҷонибаи ӯ бояд ба навоварӣ, таҷрибаомӯзӣ, аз худ кардани касби педагогӣ равона гардад, ки қобилияти худшиносӣ, худогоҳӣ ва худбаҳодиҳӣ дар фаъолияти касбиаш афзалият меёбад [4].

Эҷодкорӣ дар фаъолияти педагогӣ тақозо мекунад, ки дар омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ доираи васеи дониш, малака ва маҳорати касбию эҷодӣ, касбию методӣ ташаккул дода шавад, аммо чи тавре ки амалияи мактаб нишон медиҳад, омодагии муаллими синфҳои ибтидоӣ ба омодагии ҳаматарафа барои банақшагирии маводи таълимӣ, усулҳои таълиму тарбия, ба ҳам пайвастан ва тадбиқ намудани донишҳои омӯхта, рушди фаъолияти тарбиявию беруназсинфӣ, қобилияти ҳамкорӣ, якҷоя эҷод кардан бо субъектҳои гуногуни раванди таълим на ҳамеша кифоя аст, ки ин албатта ба инкишофи эҷодии мактаббачагон таъсири манфӣ расонида метавонад. Аз ин рӯ, зиддиятҳои ошкоршуда байни:

- тағйирот дар мазмуни фаъолияти педагогии муаллими синфҳои ибтидоӣ вобаста ба ислоҳоти системаи маорифи муосир, мазмуну шаклҳои таълими ӯ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ;

- сатҳи мавҷуда ва зарурии омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоии оянда ба фаъолияти касбӣ ва эҷодӣ оид ба ташаккули шахсияти эҷодкор, ки яке аз самти таҳқиқоти илмии интихобкарда ба ҳисоб меравад [2].Таҳлили таҳқиқоти марбут ба муаммоҳои рушди эҷодкорӣ, шахсият, қобилият ва фаъолияти эҷодӣ имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи зиёди олимонро ба ҷанбаҳои гуногуни он баён кунем. Асарҳои Д.Богоявленская, Л.Виготский, В.Моляко, А.Менегетти, В.Николко, Я.Пономарев, В.Роменес ва дигарон ба масъалаи моҳият ва мазмуни рушди фаъолиятҳои эҷодӣ бахшида шудаанд. Ташаккули шахсияти эҷодкор бошад, дар асарҳои илмии Н.Гузеев, В.Загвязинский, И.Зязюн, Н.Кичук, М.Никандрова ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Сарфи назар аз дастовардҳои назарраси олимон дар ин самт, мо чунин мешуморем, ки масъалаи омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоии оянда ба фаъолияти касбӣ, эҷодӣ оид ба рушди неруи эҷодии хонандагони хурдсол, қобилиятҳои эҷодии онҳо то ҳол қисман ҳалли худро наёфтааст. Аксар вақт қолабҳои тафаккури педагогии муаллимони синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофи таълими муосири хонандагони синфҳои ибтидоиро таъмин намекунанд. Одатан, саъю кӯшиши омӯзгорон ба ташаккули дониш, малака ва маҳорат, ҳалли масъалаҳои сирф таълимӣ нигаронида шуда, ба рушди тафаккури эҷодии хонандагони хурдсол, қобилияти фикрронии асил, заковат, тавлиди ғояҳои нав, эҷоди ақидаҳои нав, инкишоф додани тасаввурот, хаёлот, ҳиссиёт ва қобилияти пайдо кардани роҳҳои ҳалли мувофиқ ба иҷрои якчанд тарзҳо имконпазир ва ғайра нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки аксари тадқиқотҳои илмӣ ба баланд бардоштани сифати омода кардани омӯзгорони касбӣ нигаронида шуда, аммо ба қисмати эҷодии ин раванд эътибори кофӣ дода намешавад.Ҷамъбасти адабиёти илмии равоншиносӣ ва педагогӣ оид ба муаммои эҷодӣ имкон медиҳад, ки эҷодкорӣ ҳамчун раванди рушди як маводи нави қаблан вуҷуднадошта, фаҳмида мешавад. Дар аксари мавридҳо мафҳумҳои «эҷодӣ» ва «фаъолияти эҷодӣ» шарҳ дода мешаванд, аммо эҷодкории самти педагогӣ нисбат ба маънои умумии ин мафҳум хусусиятҳои худро дорад. Ба ақидаи С.Гончаренко «Эҷодкории педагогӣ ин муносибати бемислу хеле самарабахш буда, ба ғанӣ гардонидани назария ва амалияи таълиму тарбия нигаронида шудааст, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни фаъолияти муаллим — гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ, ташкили кори гурӯҳӣ, банақшагирии рушди шахсияти хонанда, таҳияи стратегияҳо ва тактикаи фаъолияти педагогӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳо дар мувофиқа ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият равона гардидааст... » [1].

Дар тадқиқоти илмӣ эҷодкории педагогӣ муҳимтарин меъёри инкишофи сифатии шахсияти омӯзгори мактаби муосир эътироф шудааст, ки он пеш аз ҳама, дар эҳтиёҷоти иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Эҷодкории педагогӣ муайян мекунад:

- он фаъолиятҳое, ки ба ташаккули шахсияти хонанда ҳамчун субъекти эҷодиёт нигаронида шудаанд;
- муайян кардани сифати интегративии шахсияти омӯзгор, ки қисмҳои сохтории он иборатанд аз тамоюл ва худшиносии касбӣ, тафаккури касбӣ, фарҳанги ташхисӣ;
- фаъолияте, ки ба омӯзиши таҷриба ва маҳорати педагогии муаллимон, худшиносӣ, худогоҳӣ, худтакмилдиҳӣ равона шудааст.

Ҳамин тариқ, эҷодкории педагогӣ ин фаъолияти эҷодии мутақобилаи субъектҳои асосии раванди таълимии муассисаҳои мактабӣ (муаллим ва хонанда) дар робита ва вобастагии байни онҳост, ки натиҷаи он боиси рушд ва худшиносиашон мегардад [2].

Фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллими синфҳои ибтидоӣ гуногун аст. Донишҷӯ ҳангоми таҳсил дар донишкадаи олии педагогӣ бояд ҳамаи намудҳои онро аз худ кунад, аз ҷумла:

- фанҳои таълимӣ, яъне аз худ кардани фанҳои дар синфҳои ибтидоӣ таълимдодашаванда, роҳандозии усулҳои таълими онҳо, дарк намудани мавқеи ҳар як фан дар робитаҳои байнифаннӣ;

- педагогӣ, яъне тарҳрезии мундариҷаи фанҳо, гузаронидани дарсҳо; ба нақша гирифтани корҳои беруназсинфӣ, кори инфиродӣ бо хонандагон ва ғайра;

- навоварона - интиқол додани таҷрибаи инноватсионии дигар омӯзгорон; рушди инноватсия; гузаронидани озмоиши педагогӣ;

- интиқол додани таҷрибаи инноватсионии худ;

- худидоракунии коллективӣ — дар коллектив нигоҳ доштани фазои мусоид; таъмини самаранокии фаъолиятҳои иттиҳодияҳои методӣ;

-худбаҳодиҳӣ – омода будан ба худшиносии касбӣ, умумии фарҳангӣ ва ғ.[3].

Ҳамаи ин намудҳои фаъолияти педагогӣ аз муаллими синфҳои ибтидоӣ маҳорати баланди педагогиро талаб мекунад. «Касби педагогӣ, - қайд мекунад И.Зязюн, - ин маҷмуи хислатҳои шахсият аст, ки дар асоси фаъолияти рефлексивӣ худидоракунии сатҳи баланди фаъолияти касбиро таъмин менамояд» [2]. Дар баробари ин, хусусиятҳои муҳимми шахсияти омӯзгор самти инсондӯстии фаъолияти ӯ, салоҳияти касбӣ (донишҳои касбӣ, маҳорати баланди касбӣ дар фаъолияти педагогӣ), қобилияти педагогӣ (қобилияти зуд такмил додани худидоракунӣ), инчунин истифодаи усулҳои педагогӣ, ки ба дониш ва қобилият асос ёфта, имкон медиҳад, сохтори фаъолияти педагогӣ бо ҳам мувофиқ ояд. Дар мувофиқа бо талаботи муосири омода кардани мутахассисони соҳаи педагогӣ омӯзгор-устод бояд шахси эҷодкор бошад, ки бо дараҷаи баланди инкишофи тамоюли ба фаъолияти педагогӣ, майли худшиносӣ доштан дар ин касб, инкишофи сифатҳои касбӣ, маҳорати эҷодӣ, ки ба муваффақияти фаъолияти педагогӣ фарқ мекунанд, мусоидат мекунад, маҳз маҳорати касбӣ дар ягонагии салоҳияти педагогӣ, истеъдоди эҷодии худи муаллими синфҳои ибтидоӣ вобаста мебошад, ки бештар самараи роҳбарии ӯро дар ташаккули шахсияти эҷодии хонанда муайян мекунад.

Эҷодкорӣ дар фаъолияти педагогӣ аз омӯзгор талаб мекунад;

- қобилияти тағйир додан, якҷоя кардани мундариҷаи маводи таълимӣ дар самти ғайристандартӣ;
- омодагӣ ба таҳияи равишҳои аслии банақшагирии раванди таълим бо хонандагон дар чорабиниҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ;
- истифодаи усул, шаклҳои ғайристандартии ташкили фаъолияти эҷодии тарбиявӣ ва беруназсинфии хонандагон;
- омодагии таҷрибаи педагогӣ – ҷустуҷӯй ва роҳҳои такмили ҷараёни таълим бо мақсади ташаккули нерӯи эҷодии хонандагон ва ғ.[6].

Пас, барои он ки муаллими синфҳои ибтидоӣ эҷодкорона амал кунад, ӯ бояд дорои як қатор хусусиятҳо, сифатҳои муҳимми касбӣ бошад, ки рушди касбӣ ва тавассути он ташаккули шахсияти хонанда таъмин карда мешавад. Мо раванди омода кардани муаллими синфҳои ибтидоиро ба фаъолияти эҷодии педагогӣ ҳамчун як ҷараёни эҷодии объективӣ мефаҳмем, ки бояд ба тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти олӣ бо назардошти ҳамгироӣ ба фазои таҳсилот, дастовардҳои илми равоншиносӣ ва педагогӣ равона гардид, ки амалияи педагогиро ташкил дода, тавассути он хусусиятҳо, қонуниятҳои раванди рушди шахсият муайян карда мешаванд ва он бояд ҷавобгӯ ба ин талабот бошад. Мо ин равандро як ҷараёни зина ба зина мешуморем, ки он тавассути азхудкунии барномаи таълимӣ аз ҷониби хонандагон амалӣ карда мешавад. Таҳлили нақшаҳои таълимии тайёр кардани омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоии дараҷаи

тахассусии таълимии «бакалавр» нишон дод, ки фанҳое, ки сохтори онҳоро барои ташаккули эҷодии шахсияти муаллими оянда омода мекунад, зеро ин самт имкониятҳои калон дорад. Ба фикри мо, тайёриро ба фаъолияти эҷодии педагогӣ аз рӯи принсипҳои:

- гуманизатсияи таълим, яъне ба хонанда имконият додан барои инкишофи доимӣ, такмили худ, инкишофи қобилияти эҷодӣ дар фаъолияти педагогӣ;
- ташкили робитаи мутақобила бо хонандагон дар асоси ба роҳ мондани муколама, яъне таваҷҷуҳ ба муқоисаи нуқтаи назари гуногун, муносибати таҳаммулпазирӣ ба андешаҳои дигар;
- ба вуҷуд овардани фазои мусоиди ҳамкорӣ барои фаъолияти эҷодӣ ба тариқи фардӣ ва гурӯҳӣ;
- самти касбӣ ва эҷодӣ –ҷамъбасти умумии донишҳои психологию педагогӣ, малака ва маҳорати амалии касбии хонандагон, ташаккули омодагӣ ба истифодаи усулҳои муносиб ва эҷодкоронаи онҳо дар фаъолияти касбию педагогӣ, дар асоси дарки назариявии моҳияти раванди педагогӣ;

– нававарӣ – пайвастагии навсозии мундариҷаи омодагии касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда бо дастовардҳои илм ва амалияи педагогӣ, натиҷаҳои эҷодиёти педагогӣ;

- тадбиқи технологияҳои инноватсионии педагогии мутахассисони оянда бо таваҷҷуҳ бо мақсади рушди эҷодии шахсияти хонанда [5]. Омода намудани хонандагон барои инкишофи қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавқеи фаъолонаи илмиро дар дарс бо мақсади таҳлил, дарк ва арзёбии самаранокии омӯзиши тамоми фанҳои касбӣ, фаъолияти касбӣ ҳангоми амалияи педагогӣ таъмин менамояд; ташаккули муносибати омӯзгорони оянда ба худ ба сифати шахсият, ки дар қобилияти тағйир додани (модернизатсия) раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, худбаҳодиҳӣ ва арзёбии оқибатҳои он зоҳир мегардад.

Қобилияти эҷодкорӣ ҷузъи таркибии фарҳанги педагогии омӯзгор мебошад. Омодагии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодии хонанадгони хурдсол дар асоси интихоби усулҳои афзалиятноке сурат мегирад, ки ба инкишофи шахсии хонанда, талабот, мақсадҳо, ҳадаф, қобилиятҳо хусусиятҳои психологю инфиродӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани маҳорати касбии хонанда, ташаккули шахсияти касбӣ ва эҷодии омӯзгор, худидоракунии субъектҳои ҳамкории педагогӣ, инкишофи равонӣ кумак мерасонад.

**АДАБИЁТ:**

1. Гончаренко, С. В. Педагогический словарь / С. У.Гончаренко. - К.: Лыбидь, 1997. - 376 с.
2. Зязюн, И.А. Педагогическое мастерство: учебник / І.А. Зязюн, Л. В.Крамущенко, И.Ф. Кривонос и др.; По Ред. И.А. Зязюна. - 2-е вид., дополнить. и перераб. - К.: Высшая шк., 2004. - 422 с.
3. Зязюн, И.А. Философия педагогического действия: монография / І.А. Зязюн. -Черкассы: Вид.-во от ЧНУ имени Б. Хмельницкого, 2008. - 608 С.
4. Сысоева, С. О. Основы педагогического творчества: учебник. / С. О. Сысоева. - К.: Миллениум, 2006. - 346 с.
5. Цокур, Г. М. Формирование потенциала профессионального саморазвития в будущих преподавателей Высшей школы в процессе магистерской подготовки / Г М. Цокур / Автореферат дис...канд. пед. наук: 13.00.04 / Южноукраинский государственный пед. Университет имени К. Д. Ушинского. - Одесса, 2004. - 219 с.
6. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. Модули 9. Асосҳои рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ / Зери таҳрири умумии Сафин Д.В., Мусина Р.Г. - Душанбе, 2008. - 49 с.
7. Фокин Ю.Г. Преподавание и воспитание в высшей школе: методология, цели и содержание, творчество: учеб. пособ. для студ. высш. учеб. Завед. / Ю.Г.Фокин. - М.:Изд. центр «Академия», 2002. - 224 с.

**REFERENCES:**

1. Goncharenko S. V. Pedagogical dictionary / S. U. Goncharenko. - K.: Lybid, 1997. - 376 p.
2. Zyazyun I. A. Pedagogical skill: textbook / I. A. Zyazyun, L. V. Kramushchenko, I. F. Krivonos et al.; Ed. by I. A. Zyazyun. - 2nd version, supplemented. and revised. - K.: Higher school, 2004. - 422 p.
3. Zyazyun I. A. Philosophy of pedagogical action: monograph / I. A. Zyazyun. - Cherkassy: Publishing house of B. Khmelnitsky ChNU, 2008. - 608 p.

4. Sysoeva S. O. Fundamentals of pedagogical creativity: textbook. / S. O. Sysoeva. - K.: Millennium, 2006. - 346 p.
5. Tsokur G. M. Formation of the potential of professional self-development in future teachers of Higher School in the process of master's training / G. M. Tsokur / Abstract of dissertation... candidate of pedagogical sciences: 13.00.04 / South Ukrainian State Pedagogical University named after K. D. Ushinsky. - Odessa, 2004. - 219 p.
6. Teaching methods and interactive learning. Educational guide. Module 9. Fundamentals of developing critical thinking skills / Under the general editorship of Safin D.V., Musina R.G.- Dushanbe, 2008. - 49 p.
7. Fokin Yu.G. Teaching and education in higher education: methodology, goals and content, creativity: training manual for students of higher education. Head of the Department / Yu.G.Fokin. - M.: Publishing center "Academy", 2002. - 224 p.